## Чӣ тавр бояд ариза дод:

**GEFF** тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ маблағгузориро амалӣ менамояд.
Барои пешниҳоди аризаи қарзӣ ба филиали наздиктарини шарики молиявии мо муроҷиат намоед:

Ҳумо

office@humo.tj

www.humo.tj

+992 (44) 640-55-44; 544 (Маркази тамос)

## Тамос бо GEFF:

Суроға :
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37/1, Маркази тиҷоратии "Вефа Центр", утоқи 802

tajikistan@ebrdgeff.com

www.ebrdgeff.com/tajikistan

+992 93 433 90 01

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP — Enhanced Competitiveness of Tajik Agribusiness Project

Дар ҳамкорӣ бо:

Green Climate Fund

GEFF — Green Economy Financing Facility

European Bank for Reconstruction and Development

Дастгирии молиявии технологияҳои сабз



# Техникаҳои кишоварзӣ

**GEFF Тоҷикистон** барои пешрафти рушди устувор ба бахши хусусӣ маблағҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ пешниҳод мекунад. Деҳқонон ва соҳибкорон дар тамоми занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ метавонанд технологияҳои пурсамарро барои рушди рақобатпазирӣ ва идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ ҷорӣ намоянд. Маблағҳои грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо пешниҳод шуда, пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, дастрас мегарданд.

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP — Enhanced Competitiveness of Tajik Agribusiness Project



## Афзалиятҳо барои деҳқонон:

Баланд бардоштани самаранокии меҳнат ва истеҳсолоти кишоварзӣ барои як корманд

Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо тавассути механиконии хоҷагиҳо

Даромади иловагӣ аз хизматрасонӣ ба хоҷагиҳои дигар

Афзуншавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва даромаднокии он

## Таҷрибаи муваффақ:

Деҳқони маҳаллӣ аз ноҳияи Лахш барои хариди трактори муосир маблағгузорӣ намуда, аз ҳисоби хизматрасонӣ ба хоҷагиҳои дигар даромади худро зиёд менамояд.





Деҳқони маҳаллӣ Султонов аз ноҳияи Лахш трактори нави иқтидораш **80 қувваи** қувваи аспро харидори намуд, ки натанҳо дар хоҷагии шахсии худ кишту кор мекунад, балки ба **6** хоҷагии ҳамсояҳо низ хизматрасонӣ менамояд.
Мӯҳлати пӯшонидани хароҷот: **3 сол** | Сарфаи солонаи сӯзишворӣ: **2325 литр**.

## Мизоҷони мувофиқ:

Мизоҷони эҳтимолӣ ширкатҳои бахши хусусӣ ва деҳқонон мебошанд:

Корхонаҳои хурд ва миёна* дар қатори тамоми занҷираҳои арзиши иловашудаи соҳаи кишоварзӣ ва агробизнес

Маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми **30%** пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, пешниҳод мегарданд

*Корхонаҳои хурд ва миёна мувофиқи меъёрҳои ИА: OJ L 124, аз 20 Майи соли 2003, саҳ. 36 муайян карда мешаванд

## Меъёрҳои техникӣ:

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.



**Тракторҳои қобили қабул:**
-ҳадди ниҳоии сарфи сӯзишворӣ на бештар аз: 233,570 г / кВт / соат
-мошинолоти насбшаванда - баҳодиҳии алоҳидагӣ талаб карда мешавад.
**Барои пардохти маблағҳои грантӣ ҳуҷҷатҳои зерин бояд пешниҳод карда шаванд:**
-шартнома
-ҳисобномаи пардохтшуда
-расидхат
ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи **GEFF** рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод кӯмак расонад.